## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эрачи Шерали дар мавзуи «Синтез ва таҳқиқи хосиятҳои гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламид бо баъзе металлҳои интиқолӣ» аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ пешниҳод гардидааст.

Яке аз вазифаҳои асосие, ки дар назди илми химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ ва илмҳои ба он алоқаманд гузошта шудааст ин, пеш аз ҳама, ҷустуҷӯ ва такмили номгӯйи маводди фаъоли биологӣ, омӯзиши мунтазами онҳо ва робитаю самаранокии натиҷаҳои бадастомада бо истеҳсолот мебошад. Дар ин самт барои ба роҳ мондани коркарди саноати ватанӣ оид ба истеҳсоли маводди полимерӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад.

Барои ҳалли ин масъала довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар назди худ чунин вазифаҳоро гузошта ва иҷро намудааст:

-таҳқиқи реаксияи ҳосилшавии пайвастаҳои координатсионии металлҳои оҳан, мис ва руҳ бо кислотаи акрилат, акриламид, ки ҳамчун гидрогелҳои полимерӣ истифода мешаванд, инчунин омӯзиши хосиятҳои физикию химиявии гидрогелҳои полимерӣ ва дар амал истифода намудани онҳо;

-таҳлилҳои элементӣ, рентгенофазавӣ, спектрҳои СИ, термогравиметрӣ, кондуктометрӣ, потенсиометрии пайвастаҳои координатсионии оҳан, мис, руҳ бо кислотаи акрилат, акриламид, инчунин омӯзиши бузургиҳои термодинамикии $\Delta H$, $\Delta S$, $\Delta G$-и равандҳои комплексҳосилкунии оҳан, мис, руҳ бо кислотаи акрилат ва акриламид тавассути истифодаи усули коэффитсиенти ҳароратӣ ва қонуниятҳои тағйирёбии функсияҳои термодинамикии онҳо.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода мeёбад, ки аввалинмаротиба таркиби комплексҳои ионҳои металлҳои интиқолӣ дар маҳлулҳои обӣ, дар доираи васеи pH бо акриламид муқаррар карда шудааст. Фаъолияти каталитикӣ дар раванди оксидшавии сулфиди натрий бо кислотаи акрилат ва акриламид омӯхта шуда, усулҳои синтези катализаторҳои металл-полимер коркард шуданд. Таркиби комплексҳо ва фаъолияти каталитикии катализаторҳои металл-полимер дар раванди оксидшавии сулфиди натрий, бо кислотаи акрилат ва акриламид омӯхта шуданд.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химияи полимерҳо ва курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо оид ба полимерҳо дар

факултетҳои химия ва биологияи Донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо метавонанд, ҳангоми иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295. тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Эраҷи Шерали дар мавзуи «Синтез ва таҳқиқи хосиятҳои гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламид бо баъзе металлҳои интиқолӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илми химия, мудири кафедраи
химияи органикӣ ва биологии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Гулов Т.Ё.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев,
бинои 137\2, хуҷраи 21
Тел.: (+992) 907-80-70-10,
E-mail: gulov1964@bk.ru

Имзои Т.Ё. Гуловро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино, куч. Рӯдакӣ 121,
Тел.: (+992-37) 886018383
“_____” __________ соли 2026